**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”,**
**д.и.филологӣ, профессор**
**Низомӣ М. З. ____________**
**«23» ___05___ соли 2024**

# ТАҚРИЗИ

Муассисаи пешбар - кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ба рисолаи номзадии унвонҷу Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи **“Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).

Таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи **“Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)”** бо қарори Шурои диссертатсионии 6D-КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи бойгонишиносӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла мудири кафедраи бойгонишиносӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент М. Мамадазимова, номзади илмҳои таърих, дотсент С.

Шарофуддинов, номзади илмҳои таърих, дотсент Н. Собиров, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Аминӣ А., омӯзгори калон Холибоева Н. ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида иштирок ва суханронӣ намуданд.

Аз муҳокимаи устодон маълум гардид, ки рисола бо истифода аз маводи бойгонӣ ва осори муҳаққиқону донишмандони соҳаи фарҳанг дар сатҳи зарурӣ таълиф гардидааст ва яке аз муҳимтарин давраҳои фарҳангии давлати соҳибистиқлоли тоҷиконро фаро гирифта, саҳифаи тозаеро дар илми тоҷик боз намудааст.

Ба андешаи мо, дар чунин шакл таҳқиқ намудани масоил барои ояндабинии ин соҳа дар даврони соҳибистиклолии Тоҷикистон хеле зарур аст. Муаллиф тамоми маводи ҷамъовардаи хешро ҳаматарафа омӯхта, мавриди таҳлил қарор додааст.

Зеро фарҳанг ҳамчун соҳаи сарнавиштсоз ва такягоҳи боэътимоди маънавии ҷомеа, дар низоми сиёсати иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои муҳимму афзалиятнок эълон гардида, баҳри таъмини рушди устувори он аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории хосса зоҳир мегардид.

Дар қисматҳои алоҳидаи мавзуи мазкур навиштаҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аҳаммияти дигари рисола дар он зоҳир мегардад, ки диссертант осори дар тӯли соҳибистиқлолии кишвар ба мавзуи таҳқиқшаванда бахшидашударо таҳқиқ намуда, онро ба се гурӯҳ тақсим кардааст: гурӯҳи аввал фарогири адабиёти умумии таърихие мебошад, ки дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ рӯйи кор омадаанд; ба гурӯҳи дуюм асосан адабиёти илмиеро, ки бевосита таърихи сохтмони мадании Тоҷикистонро инъикос кардаанд, инчунин таҳқиқотеро, ки ба таърихи муассисаҳои театрӣ ва ҳунармандони вилояти Хатлон бахшида шудаанд, дохил намудааст; гуруҳи сеюм иборат аз таҳқиқотҳоест, ки доир ба

таърихи ташаккул ва рушди театрҳои касбии Тоҷикистон дар даврони истиқлол таълиф гардидаанд.

Муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ аз маводи бойгонии Вазорати фарҳанг ва Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии ҷории Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, Қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фарҳанг, маълумоти асосноки махсуси ҳуҷҷатӣ оид ба таърихи театрҳои касбӣ, мақола ва асарҳои илмие, ки бевосита ба фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон марбутанд, ба таври муфассал истифода намудааст.

Дар рисола зикр гардидааст, ки бо таъсисёбии Тоҷикистони соҳибистиқлол, сарфи назар аз мушкилиҳои давраи гузариш, дар ҷумҳурӣ консепсияи давлатӣ оид ба рушди фарҳанг таҳия шудааст. Хусусан, дар суханрониҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар назди зиёиёни мамлакат назария ва амалияи фарҳанг ба тариқи мушаххас муайян мегарданд.

Муаллиф зимни таҳқиқи мавзуъ мақсад гузоштааст, ки таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлонро омӯхта, хусусиятҳои вазифавии онҳоро дар солҳои истиқлоли давлатӣ муайян намояд.

Ҳадафи омӯзиш ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардидааст:

- таҳқиқи таърихи пайдоиши театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони шуравӣ;

- таҳлили хусусият ва нақши театрҳои касбии вилояти Хатлон дар пешрафти сатҳи фарҳангии ҷамъият;

- муайян намудани хусусияти фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар давраи таҳқиқотӣ;

- нишон додани вазъи театрҳои касбии вилоят дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ;

- саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқароркунӣ ва инкишофи театрҳои касбии вилоят;

- таҳлили дастовардҳо ва масоили ҳалталаб дар ташаккулёбию пешрафти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар давраи соҳибистиқлолӣ.

**Объекти таҳқиқоти мазкур** фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон ва мавқеи онҳо дар рушду нумӯи фарҳанги даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

**Предмети таҳқиқотӣ** муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи театрҳои касбии вилояти Хатлон, мушкилӣ ва масъалаҳои ҳалталаби онҳо дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мебошад.

**Чаҳорчӯбаи хронологии омӯзиш** солҳои 1991–2021-ро, ки давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ба даст овардани Ваҳдати миллӣ, инчунин барқарор намудани оқибатҳои ҷанг ва эъмори ҷомеаи демократии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, дар бар гирифтааст.

**Навгониҳои илмии рисола** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст ба таври монографӣ фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, ба муайян намудани аҳаммият ва нақши ин муассисаҳо дар ташаккули маънавиёти мардуми вилоят кӯшиш ба харҷ додааст. Дар баробари ин дар асоси манбаъ, сарчашмаҳо ва ҳуҷҷатҳои фаровони таърихӣ фаъолияти ин муассисаҳо ба таври илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта мутобиқ карда шудаанд. Муаллиф , пеш аз ҳама ба принсипҳои таърихӣ, муносибати объективонаи таҳқиқот такя намуда, раванди омӯзиши таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлонро бо далелҳо воқеъбинона мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳо вобаста ба вазифа ва хусусияти кори таҳқиқотӣ методҳои гуногун: омӯзиши далелҳо ва маводҳои бойгонӣ, таҳлили таърихӣ–қиёсӣ, таърихӣ–типологӣ, таърихӣ–системавӣ, муқоисавӣ–таърихӣ ва масъалагузорӣ - таҳлилӣ истифода гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар омӯзиши маводи бойгониҳои ҷорӣ, коркарди илмӣ, таҳлили нави асарҳои зиёди илмӣ, ки вобаста ба таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият рӯйи кор омадаанд, инчунин дар баррасии натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва таълифи мақолаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзуи **"Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)"** ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия.**

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии масъала, мақсад ва ҳадафи омӯзиш, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологии омӯзиш, навгониҳои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, муҳимияти мавзуъ ва асосҳои методологии таҳқиқот инъикос ёфтааст.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзуъ хуб баён шуда, муаллиф тавонистааст, ки асарҳои муҳаққиқони соҳаи фарҳанг ва таърихро давра ба давра аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил намояд. Дар натиҷаи чунин таҳлилҳо муаллиф ақидаи шахсии хешро низ пешниҳод кардааст.

Дар боби якуми рисола **"Вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол»** ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон ба таври амиқ таҳлил шудааст. Муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлонро дар шакли муқоисавӣ объективона баён намояд.

Дар зербоби якуми боби аввали рисола, ки **“Аз таърихи ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ”** номгузорӣ шудааст, масъалаи таъсис ва ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ иҷмолан таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст.

Зимни таҳқиқ ва баррасии мавзуи мазкур унвонҷӯ қайд менамояд, ки муассисаҳои театрӣ дар замони Шуравӣ таъсис ёфта, яке аз шохаҳои муҳимми фаъолияти идеологии роҳбарияти собиқ вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа маҳсуб меёфтанд. Дар театрҳои касбӣ ва халқии вилоят чорабиниҳои фарҳангӣ бо ҷалби васеъи мардум гузаронида мешуданд. Муассисаҳои фарҳангӣ дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва маънавиёти мардум нақши муҳим доштанд. Таъсис ёфтани аввалин театри касбӣ дар вилоят ва ҷалби ҳунарварон, боиси ба мусиқии касбӣ ворид гардидани мероси мусиқиҳои халқии вилояти Хатлон гардид.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола - **“Вазъи театрҳои касбии вилоят дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дорад, ба масъалаи вазъу ҳолати театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои аввали замони истиқлол бахшида шудааст.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки баъди ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ, мутаассифона Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт. Ин ҷанг дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба фаъолияти театрҳои касбӣ низ таъсири манфӣ расонид. Дар ин давра, дар натиҷаи душвориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қатъ гардидани фаъолияти ин муассисаҳо ва вайроншавии биноҳои онҳо низ ба мушоҳида мерасад. Унвонҷу инчунин қайд менамояд, ки баъд аз ба имзо расидани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” (13 декабр соли 1997), қабул шудани барномаҳои давлатӣ барои аз нав барқароркунии муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла театрҳои

касбӣ ва рушди фарҳанг, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, рушди театрҳо дар ҷумҳурӣ кӯшиши зиёд карда шуд.

Зербоби сеюми боби аввал - **“Саҳми Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии театрҳои касбӣ”** фарогири масъалаҳои нақши Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи театрҳои касбӣ мебошад. Зимни баррасии он муаллиф қайд менамояд, ки дар партави сиёсати фарҳангии Ҳукумати кишвар ва зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз мушкилоти иқтисодӣ фаъолияти соҳаи фарҳанг беҳтар гардида, маънавиёти ҷомеа бештар густариш меёбад.

Дар ин зербоб инчунин масъалаҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (аз 13 декабри соли 1997), Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, (аз 30 декабри соли 2005), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ” (аз 1 августии соли 2003), Қарори Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон «Оиди тасдиқи Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатии оммавии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013», таҳти №384, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» (2 декабри соли 2002), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ» дар маркази ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон (октябри соли 2003) ва ғ. бо маблағгузории давлатӣ муайян ва таҳлил ёфтааст.

Илова бар ин, унвонҷӯ дар ин зербоб, саҳми ҳунармандони театрҳои вилоят, инчунин, шахсоне, ки нақши онҳо дар рушди маориф ва фарҳанг назаррасанд, бо мисолҳои равшан инъикос намудааст.

Боби дуюми рисола **“Инкишофи минбаъдаи театрҳои касбии вилоят»** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб, саҳми мақомотҳо дар ташкилёбӣ ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла

театрҳои касбӣ, иштироки театрҳо дар озмунҳо ва тайёр намудани мутахассисони соҳа инъикоси худро ёфтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми рисола “**Сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ**” масоили сиёсати фарҳангии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ бар он назар аст, ки сиёсати фарҳангии давлат ва ҳукумати Тоҷикистон дар таҳкими пояҳои маънавии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодию созандаи халқ, боло бурдани ифтихори миллӣ, устувории сулҳу субот, якпорчагию якдигарфаҳмӣ, густариши худшиносии миллӣ ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон асосманд шудааст. Яке аз масоили асосии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг – ин таъмини фаъолияти мунтазам ва инкишоф додани бахшҳои умдаи соҳаи фарҳанг, аз ҷумла масъалаи тарбияи кадрҳо ва асосмандии заминаи моддӣ–техникии муасиссаҳои фарҳангӣ мебошад.

Пайдост, ки ба амалӣ намудани сиёсати фарҳангии кишвар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста машғул мебошад. Новобаста аз ин, дар фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон то ҳол норасоиҳо чашмрасанд, ки пеш аз ҳама, ба мушкилоти молиявӣ ниёз доштани онҳост. Ин амал дар рафти ташкилу боло бурдани хизматрасонии фарҳангӣ ба аҳолӣ то андозае таъсири манфӣ мерасонад. Ба ақидаи унвонҷӯ ҳолати имрӯзаи фаъолияти муассисаҳои театрӣ заминаи мусоиди густариши соҳаро фароҳам намеорад, ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, ки **“Рушди фаъолияти минбаъдаи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ”** ном дорад, масоили фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар ибтидои асри XXI таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Зимни баррассии ин масоил диссертант қайд менамояд, ки соли 2001 дар ҷумҳурӣ 14 театрҳои касбӣ вуҷуд дошт, ки аз ин 2 театр дар вилояти Хатлон амал мекард. Муассисаҳои зикргардида ниёзҳои фарҳангии аҳолиро таъмин намуда,

фазои фарҳангии кишварро пурра ва ҳунари миллии моро дар арсаи байналмиллӣ бомуваффақият муаррифӣ менамоянд.

Ҳунармандони театрҳои касбии вилоят новобаста аз мушкилиҳои солҳои пешин дар оғози асри XXI фаъолияти худро дар ҷодаи ҳунар бо қадамҳои устувор оғоз намуда, ҳам аз ҷиҳати сатҳи касбӣ ва ҳам аз ҷиҳати репертуари бойю рангини худ дар қатори театрҳои касбии бонуфузи ҷумҳурӣ шомил гардиданд. Дар ин давра дар театрҳои мазкур 8 намоишномаи нав рӯи саҳна омаданд. Инчунин зиёда аз 10 барномаҳои консертӣ пешкаши ҳаводорони санъат шуд.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки театрҳо тавассути таҳия намудани асарҳои наву ҷолиби диданӣ, барномаҳои рангини консертӣ, сафарҳои ҳунарӣ, инчунин иштироки фаъолона дар озмуну фестивалҳои дохилию хориҷӣ ба натиҷаҳои назаррас муваффақ гардиданд.

Дар зербоби сеюм, ки **“Иштироки театрҳои касбии вилоят дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ”** ном дорад, масъалаи ширкати театрҳои касбии вилоят дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки дар даврони истиқлолият соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯи ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, одобу ахлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуд. Маҳз дар солҳои истиқлолият бо азму талошҳои аҳли фарҳанги кишвар баргузории ҷашнвораҳо, аз қабили Фестивал – озмуни театрии «Парасту», фестивали ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ, фестивалҳои байналмилалии театрии «Наврӯз», «Чодари хаёл» ва амсоли инҳо ба ҳукми анъана даромада, ҳамасола баргузор мегарданд ва ҳамчун як кишвари тамаддунофари фарҳангсоз шинохта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Муаллифи рисола дар натиҷаи таҳлили мавзуъ ба хулосае мерасад, ки солҳои соҳибистиқлолӣ вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии ҷумҳурӣ беҳтар гашта, маблағгузорӣ ба соҳаи фарҳанг зиёд гардид. Дар ин давра барои

иштироки ҳунармандони тоҷик дар озмуну фестивалҳои байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар хулоса натичаҳои умумии омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, муаллиф барои рушди минбаъдаи театрҳои касбии вилояти Хатлон тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст.

Диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович таҳқиқоти бaанҷомрасида, комил ва дар сатҳи муайяни илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаи хеш ноил гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисолаи мазкур камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Феҳристи ихтисораҳо, ки дар аввали кор оварда шудааст, ки ба назари мо бояд дар охири кор, баъд аз хулоса ҷой дода шавад.

2. Ба назари мо, зербоби аввали боби якуми рисола зери унвони «Аз таърихи ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ» ба хронологияи мавзуъ (с. 1991-2021) мувофиқат намекунад.

3. Адабиёту сарчашмаҳо дар поварақҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз рӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб ва ҷо ба ҷо карда шавад.

4. Рисолаи мазкур аз 209 саҳифа иборат аст, барои рисолаи номзадӣ хеле зиёд аст, аз ин рӯ, шумораи саҳифаҳои рисола ихтисор карда шавад.

5. Дар рисола баъзан хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи унвонҷӯ Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ

(07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” санаи _16_ майи соли 2024 муҳокима гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор»– 10 нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № _9_ аз _16_ майи соли 2024.

**Раисикунанда, мудири кафедраи бойгоншиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ “ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода”,**
**н.и.т. дотсент** **Мамадазимова Майрам Муҳиддиновна**

**Ташхисгар, н.и.т., дотсент** **Сабиров Нусратулло Иноятович**

**Котиби ҷаласа,** **Холибоева Нарзиой Саидовна**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**сардори Шуъбаи кадрҳои МДТ “ДДФСТ ба номи М.Турсунзода”** **Ҳомидова Зарина Ҳабибовна**

**Маълумот барои тамос:**
**МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода”**
**734032, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73 А,**
**Почтаи электронӣ: Email: tajartins@yandex,**
**www.ddst.tj Тел: (992) 231-45-45.**